# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод шудааст.

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ***

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ), аз ҷумла, банди 1 - Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, банди 2 - Назария ва методикаи тарбияи хонандагон дар раванди таълими фанҳои ҷамъиятӣ мувофиқат мекунад.

***Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти*** диссертатсионии Шарифова Санавбар Саъдулоевна аз таҳқиқи нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих иборат мебошад. Хонандагон дар руҳияи хештаншиносӣ тарбия ёфта, меҳру муҳаббаташон нисбат ба ватан ва миллати худ зиёд мегардад. Таҳсилот нақши калидии тарбияи маънавӣ ва маърифатиро дар сохтори ҷомеа дорад. Дар таҳкими маънавӣ ва ахлоқии ҷомеаи Тоҷикистон, иттиҳод будани он дар муқобили мушкилоти беруна ва дохилӣ, таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи эътимоди шахс ба ҳаёт дар мамлакат, ҳамватанон, ҷомеа, давлат, имрӯз ва фардои кишвар ба соҳаи маориф нақши калидӣ гузошта шудааст. Ин раванд ба ташаккули шахсиятҳои ватандӯст ва соҳибмаърифат мусоидат намуда, онҳоро барои номбардории аҷдодони сарбаланди худ ва саҳмгузорӣ дар рушди ҷомеа ҳавасманд месозад. Ҷавонон бо дарки амиқи арзишҳои миллии худ, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то наслҳои ояндаро низ ба ҳамин рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихор аз фарҳангу таърихи худ тарбия намоянд.

Дар раванди кори таҳқиқотӣ муҳаққиқ Шарифова Санавбар Саъдулоевна тарбияи хештаншиносии хонандагонро ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ, психологӣ ва педагогӣ мавриди омӯзиш, таҳлилу таҳқиқот қарор дода кӯшиш намудааст онро ҳамчун системаи бо ҳам алоқаманд ва ягона дар низоми таҳсилот баррасӣ намояд. Чунки муҳити тез тағйирёбанда ва бо суръати тез инкишофёбии муносибатҳои байни одамон, намояндагони қавму миллатҳои гуногуни дар Тоҷикистон зиндагикунанда дар таълиму тарбияи хештаншиносии хонандагон, муносибати махсус ва таҳаммулпазириро талаб мекунад. Бояд ҳамаи онҳо дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва якпорчагии Тоҷикистон, нигоҳдории муносибатҳои дӯстонаи таърихан муқарраршуда кӯшиш намоянд, онҳоро афзун гардонанд. Дуруст таъкид карда шудааст, ки дар тарбияи хештаншиносии хонандагон бояд аз арзишҳои олии маънавӣ-ахлоқӣ,

ғояҳо, равандҳо, падидаҳои иҷтимоии таъсиррасонии мақсаднок истифода бурда шаванд.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст дастгоҳи илмии кори таҳқиқотии худро мувофиқ ба мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ банду баст намуда нуктаҳои назариявию амалии бо ҳамдигар мантиқан алоқамандро омӯзад ва амалӣ гардонад. Маълум аст, ки таҳқиқи ҷабҳаҳои илмӣ, методологӣ ва арзишмандии педагогикаи ватанӣ баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон зиёдтар мавриди таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон қарор гирифт, ки ин дар таҳқиқоти мазкур низ махсус мавриди таҳлилу баррасӣ гардидааст.

***Мақсади таҳқиқот*** таҳлили илмию педагогии шаклу усулҳои самарабахши омода намудани хонандагон зимни таълими фанни таърих дар асоси анъанаҳои миллии хештаншиносӣ, ки барои ташаккули ватандӯстӣ ва инсонпарварии онҳо кӯмак мерасонанд, мебошад.

Роҷеъ ба ***навгонии кори таҳқиқотии*** Шарифова Санавбар Саъдулоевна чунин нуктаҳои арзишмандро арзёбӣ намудан мумкин аст: таҳқиқот таҳлили илмии мукаммалест, ки ба омӯзиш ва баррасии мавзуи нақши арзишҳои миллӣ ва хусусиятҳои табиии тарбияи худшиносии хонандагон дар раванди таълими фанни таърих бахшида шудааст. Дар раванди таҳқиқот кӯшиш карда шудааст, ки масъалаҳои асосии тарбияи хештаншиносӣ ва нақши ҳувияти миллӣ дар раванди таълими замони муосир, ки аҳамияти ҷиддӣ дорад, ба таври амиқ муайян ва таҳлил карда шаванд. Дар ин равиш, диққат ба рушди ҳисси масъулият ва эҳсоси ватанпарастӣ дар байни хонандагон, ки ояндаи ҷомеаро ташаккул медиҳанд, равона гардида аст. Ҷустуҷӯҳои илмӣ ва озмоишӣ имкон доданд, ки дар асоси истифодаи мероси педагогии халқи тоҷик, роҳҳои оқилона ва самарабахши ворид намудани мафҳумҳои ахлоқӣ ва фарҳангӣ дар амалияи таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои равонии хонандагон пешниҳод шаванд. Навгонии илмӣ бо дар назардошти мафҳумҳои «хештаншиносӣ», «ватандӯстӣ» ва «таҳаммулпазирӣ» имкон хоҳад дод, равиш ва тавсияҳои консептуалӣ барои омӯзгорони зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва олии касбӣ таҳия гардад. Усулҳои пуртаъсир ҷиҳати таҳия намудани технологияи ҳавасмандгардонии хонандагони зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои дарки анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои ахлоқӣ омода гарданд.

Бояд қайд кард, ки дуруст тақсим кардани вақт барои марҳилаҳои кори таҳқиқотӣ (аз солҳои 2019 то 2023), таҳлили маводҳои назариявӣ, асосҳои методологии (ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф), таҷрибаи фарҳангӣ-таърихии халқи тоҷик оид ба нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон, таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ, суханронӣ ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар оид ба масъалаҳои рушди маориф, махсусан тарбияи хештаншиносии хонандагон, таҷрибаи тарбиявии

халқ ва зарурияти тарбияи хештаншиносии хонандагон дар замони муосир муҳаққиқ кӯшиш намудааст кори таҳқиқотии хешро ба анҷом расонад.

Методҳои назариявӣ ва амалии интихобнамуда ва истифодакарда ба муаллиф имконият додааст ба натиҷаҳои дилхоҳ кори таҳқиқотӣ ноил гардида амалӣ гардидани мақсаду вазифаҳо, коркарду пешниҳоди хулосаи илмӣ, тавсияҳои методиро барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотию волидон коркард ва пешниҳод намояд.

***Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.*** Дар замони таъсири ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва тараққиёти илму техникаи муосир, ки сарҳадҳои муошират халқу миллатҳоро барҳам медиҳанд, эҳтиёҷ ба ҳувияти миллӣ ва тарбияи хештаншиносӣ шарт ва зарур аст. Барои илми педагогикаи тоҷик тадқиқоте, ки доир ба нақши ҳувияти миллӣ ва тарбияи худшиносӣ зимни таълими фанни таърих ба анҷом расонидан, аҳамияти бузурге доранд. Анҷоми таҳқиқ ва омӯзиши пурраи илмӣ оид ба нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи худшиносии хонандагон дар раванди таълими фанни таърих дар илми педагогикаи тоҷик аҳамияти зерини назариявӣ ва илмӣ хоҳад дошт: барои корҳои минбаъдаи илмӣ кӯмак хоҳад расонд; барои ҷорӣ намудани тарбияи хештаншиносӣ, тайёр намудани омӯзгорониояндаи фанни таърих мусоидат менамояд; барои рушду ташаккули ҳувияти миллии хонандагон ёрӣ мерасонад; ҳамчун дастури таълимӣ дар соҳаи илми педагогика хизмат хоҳад кард; маводи таҳияшуда метавонад дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, энсиклопедияҳо ва солномаҳо истифода шавад; онро ҳамчун роҳнамо ва дастур дар соҳаи илми педагогика истифода бурдан мумкин аст; анҷоми ин таҳқиқот метавонад барои нишон додани бартарии арзишҳои миллӣ ва ташаккули худшиносии толибилмон дар раванди таълими фанни таърих саҳифаҳои нав боз кунад.

Бинобар ин, таҳқиқот оид ба масъалаи тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих муҳим буда, метавонанд замина ба таҳқиқотҳои сотсиологӣ, фарҳангшиносӣ, психологӣ, иҷрои вазифаҳои тарбия ва ташаккули ҳиссиёт, тасаввурот, амалу рафторҳои ватандӯстӣ бо таври комплексӣ таъмин карда мешаванд. Дар таҳқиқот маҷмуи шароиту имкониятҳои истифодабарии роҳу усулҳои тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих пешниҳод карда шудаанд, аз онҳо омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилотӣ метавонанд истифода, бурда сатҳу сифати фаъолияти касбии худро такмил диҳанд.

***Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.*** Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот инҳоянд; маҷмуи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуи интихобшуда ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд; интихоб ва таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд; азназаргузаронии маводҳои бадастомадашудаи

рисола; муътамад будани натиҷаҳои бадастомадашуда; таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи рисола.

***Саҳми шахсии довталаби илмӣ дар таҳқиқот*** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омезиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводҳо; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар таҳияи диссертатсия таҷассум меёбад.

Диссертатсияи Шарифова Санавбар Саъдулоевна мувофиқ ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳои методӣ, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамият, аҳмият, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекту мавзуи он, марҳилаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳои маълумот, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳмияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ дуруст ва қаноатбахш муайян карда шудаанд.

***Дар боби аввали диссертатсия*** «Ҷанбаҳои назариявии ташаккули хештаншиносии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» масъалаҳои асосҳои педагогию психологии ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик ва хориҷии муосир, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълим ва тарбияи ҳаёти иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

***Зербоби якуми боби аввал*** «Асосҳои педагогию психологии ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» буда, ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба арзишҳои миллӣ, эстетика ва ахлоқ махсусан, таъсири он ба насли ҷавон зарурат ба миён овардааст, ки ин масъала ҳаматарафа омӯхта, таҳқиқ намуда шавад ва ҳалли худро ёбад.

Барои расидан ба ин мақсад, омӯзгорон бояд аз муассиртарин ва навтарин методҳои таълиму тарбия истифода кунанд. Тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тарбияи муҳаббат ба диёри арҷманд на танҳо вобаста ба фанни таърих нест, балки ҳамаи фанҳо бояд барои тарғиби арзишҳои миллӣ ва муҳаббат ба Ватан якҷоя кор кунанд. Ин иқдомҳо метавонанд дар доираи таълим дар ҳамаи фанҳо пайваст гардида, барои хонандагон муҳаббат ба Ватан ва шиносоии амиқ бо таърихи халқи тоҷикро таъмин намоянд.

Муаллиф қайд мекунад, ки огаҳӣ аз таърихи гузашта наслҳои минбаъдаро бо донишҳои нав мусаллаҳ сохта, ба онҳо сабақҳои волою хирадмандона медиҳад. Дар замони муосир ҳар як фарди бедордил бояд барои ғанӣ гардонидани донишу ҷаҳонбинии хеш рӯ ба китобхонӣ

оварад. Муносибати хонандагон ба хондани китобҳои иловагии таърихи халқи мо ва аз ёд кардани порчаҳои назмӣ ва насрӣ бояд ҷиддӣ назорат карда шавад. Барои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии хонандагон ва рушди малакаҳои суханронӣ ва сухангӯӣ дар насли ояндаи кишвар, омӯзгорони фанни таърих вазифадоранд, ки тадбирҳои ҷиддӣ ва судманд андешанд.

***Дар зербоби дуюми боби мазкур*** «Инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик ва хориҷии муосир» масъалаи ҳаёти иҷтимоӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик ва хориҷии муосир баррасӣ гардида, қайд мегардад, ки он чизе ки арзиши инсонро ҳамчун инсон муайян мекунад ва ба ӯ рӯҳ мебахшад, маънавиёт аст. Албатта, маънавиёт дар сифатҳо ё хосиятҳои худи инсон нуҳуфтааст, ки дар қобилияти худшиносӣ, эҳсоси таърих, замону фазо, қобилияти тафаккур, кобилияти омӯзиши забонҳо; одобу ахлоқ, дониш, маҳорату малака, эҷодкорӣ ва ғайра ифода меёбад.

Шарифова Санавбар Саъдуллоевна қайд меакунад, ки тарбияи иҷтимоӣ як раванди шаклгирии шахсият аст, ки ба таваҷҷуҳ ва эҳсоси худшиносии инсон, ҳамчун натиҷаи тарбияи хештанштносӣ, нигаронида шудааст.

***Зербоби сеюми боби аввал*** «Санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълим ва тарбияи ҳаёти иҷтимоӣ» раванди корҳои тарбиявӣ дар байни ҷавонону наврасон пас аз қабул гардидани «Консепсияи миллии тарбия» вусъати нав пайдо намуда, мақсаду вазифа ва мазмуни тарбия комилан ба арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангии миллати мо мутобиқ кунонида шуд.

Муҳақиқ таъкид мекунад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати худ бо истифода аз нерӯи нарм ва дипломатияи фарҳангӣ андеша ҳои инсонпарваронаи фарҳанги ғанию қадимаи хешро тавассути баргузории симпозиуму конфренсияҳо, иштирок дар чорабиниҳои фарҳангии сатҳи баланд, форумҳо ва муаррифии шоистаи осори бегазанди таърихиву худшиноси миллӣ дар давлатҳои дигар тарғиб намуда, дар таҳкими сулҳу субот ва равобити мутақобилан судманд миёни кишварҳои дигар нақши шоиста бозида истодааст.

***Дар боби дуюми диссертатсия*** «Мазмуну мундариҷа ва роҳу усулҳои ташаккули хештаншиносии хонандагон дар таълими таърихи умумӣ» масъалаҳои сохтори барнома ва китобҳои дарсии таърихи умумӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, татбиқи амалии ташаккули ҳисси хештаншиносӣ дар таълими таърихи умумӣ, ҷамъбасти корҳои озмоишию таҳқиқотӣ оид ба шартҳои муттасилии таълим ҷиҳати тарбияи худшиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих баррасӣ карда шуда, технологияи педагогии дидактикии амалигардонии корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оварда шудааст.

***Дар зербоби аввали боби дуюм*** «Сохтори барнома ва китобҳои дарсии таърихи умумӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» масъалаи барнома ва китобҳои дарсии таърихи умумӣ барои муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумиро баррасӣ менамояд. Замони муосир талаб мекунад, ки фаъолияти ҷавонон ва наврасон дар самти таҳкими пояҳои маърифатӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба сатҳи нав бардошта шавад.

Муҳақиқ ба нақшагирии корҳои таълиму тарбия аз ҷониби роҳбари синф, ки асосан дар заминаи таҷрибаҳои педагогӣ сурат мегирад, муҳим мешуморад. Ӯ қайд мекунад, ки дар нақша тамоми кор барои татбиқи тарбияи фарогир равона карда шудааст. Нақшаи комил ҳамон нақшаест, ки он бо воқеияти ҳаёт, бо талаботи маънавии хонандагон мутобиқ бошад. Натиҷаи таълим мақсаднок ва раванди он самаранок хоҳад буд, агар дар он низоми амалигардонии саводнокии таърихии хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ муайян ва риоя карда шавад. Дар нақшаи таълимӣ муҳлати иҷрои корҳо ва вазифаҳо дақиқ муайян шуда, ҳамзамон, имкониятҳои фарогир, таҷриба, шавқу ҳавас ва майлу хоҳишҳои хонандагон низ ба назар гирифта мешаванд. Ин равиш имконият меди ҳад, ки раванди таълим ва тарбия мутобиқ ба ниёз ҳои инфиродии ҳар як талабагӣ бошад ва барои рушди ҳама ҷонибаи онҳо шароит фароҳам оварад.

***Дар зербоби дуюми боби дуюм*** «Татбиқи амалии ташаккули ҳисси хештаншиносӣ дар таълими таърихи умумӣ» гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ-озмоишӣ аз усулҳои педагогӣ-равонӣ, озмоишӣ-таҷрибавӣ, таҳқиқотӣ-математикӣ, мушоҳида, анкета-саволнома ва ғайра истифода гардидааст. Дар рафти кори таҷрибавӣ-тадқиқотӣ тамоми мақсад ва вазифаҳо ҳал карда шуда, ба якдигар пайваст карда шудаанд.

Дар ин зербоб ба рушди худшиносии миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардидааст. Барои рушди худшиносии миллӣ давраи худмуайянкунии шахсият муҳим буда, бо таълим дар муассисаи та ҳсилоти миёнаи умумӣ марбут мебошад. Имрӯз хонандагон ба таъсири бештари донишҳои арзиши миллидошта, таваҷҷуҳ доранд ва ба азхудкунии ҳувияти миллӣ , яъне бо омодагӣ ба андӯхтани таҷрибаи инсонӣ ва дарки воқеаҳои олам дар намуди донишҳо, арзишҳо, маъниҳо ва вуҷуд доштани некӣ дар олами атрофи мо фарқиятро идрок мекунанд.

***Дар зербоби сеюми боби дуюм*** «Озмоиши педагогӣ ва натиҷаҳои он дар ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагон» корҳои таҳқиқотӣ-озмоишӣ идома ёфта, натиҷагирӣ карда шудааст.

Ба андешаи муҳақиқ ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагон он вақте муяссар мегардад, ки таълим ва тарбияи дурусти худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ ба роҳ монда шавад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ фазои муносибатҳои байналхалқиро тағйир медиҳанд ва дар ҳамин замина манфиатҳои миллӣ низ дигар мешаванд. Ӯ таъкид мекунад, ки агар ба зиндагии ҳаррӯзаи муқаррарӣ назар афканем, маънии дақиқи манфиатҳои миллиро мушаххас намуда метавонем, яъне маориф, фарҳанг, маданият, расму ойин ва анъанаҳои миллӣ ба он мисол шуда метавонанд.

Дар асоси баҳисобгирии натиҷаҳои таҳқиқот унвонҷӯи маҷмуи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои методиро ҷиҳати тақвият бахшидан ба

раванди тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих пешниҳод намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсия намудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 номгӯй, 6 номгӯи мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории кори диссертатсионӣ*** ба талаботи КОА ба таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқат менамояд. Автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда оид ба моҳияти кори таҳқиқотии ташкил ва гузаронидашуда, натиҷагии муҳаққиқ аз он маълумоти аниқ медиҳад.

***Эродҳо ба рисолаи илмӣ ва фишурдаи он***

Бо баробари арзёбӣ намудани дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур, дар диссертатсия ва автореферати он ба як қатор камбудиҳо роҳ дода шудаанд, ки баҳисобгирӣ ва бартарафсозии онҳо дар такмилу давомдиҳии минбаъдаи кори илмӣ ба муҳаққиқ мадад хоҳад расонд. Ба монанди:

1. Агар дар таҳқиқот ба ҳамкории муассисаи таҳсилотӣ бо оила дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих зиёдтар аҳамият дода, дар фасли алоҳида пешниҳод мегардид, ариши илмии он бештар мешуд. Маҳз оила сарчашмаи асосии ҳама намуди тарбия, тарбияи хештаншиносӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллии хонандагон мебошанд.
2. Хуб мешуд, амсилаи шароитҳои педагогии тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих дар намуди махсус таҳия ва пешниҳод мегардид, ки арзиши илмию амалии таҳқиқоти мазкурро зиёдтар мекард.
3. Мебояд, муҳаққиқ дар қисмати аввали рисола барномаи мукаммали кориро оид ба нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон дар соатҳои тарбиявӣ, корҳои бернуазсинфӣ пешниҳод менамуд, ки дар ин маврид арзиши амалии таҳқиқот бештар мегардид.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоию техникӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо ба таҳриру ислоҳнамоӣ ниёз доранд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои зикргардида арзиши илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд. Бинобарин он кори таҳқиқотии ба анҷомрасида ба ҳисоб меравад. Кори диссертатсионии Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» кори таҳқиқотии мустақилона иҷрошуда ва анҷомёфта буда, аз рӯи сохтор тибқи талаботҳо ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ омода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба мавзуъ ва масъалаи таҳқиқотӣ мантиқан робита

доранд. Мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ихтисоси интихобшуда мутобиқат менамояд.

Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Интишороти муҳаққиқ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури таълимӣ-методӣ, маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, ба мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ мувофиқат менамоянд.

## ХУЛОСА

Кори диссертатсионии Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» ба талаботҳои пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи таҳқиқот Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) дониста мешавад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент,
директори Муассисаи давлатии
таълимии "Литсейи касбии
техникии ноҳияи Шаҳринав" Давлатзода Ҷамила

21.08.2025.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 737450. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Мирзо Турсунзода, кӯчаи Ч. Уразов14.
Тел: 907 95 06 35; 934 19 60 65. E - mail: LKT.Shakhrinav@mail.ru.

Имзои Давлатзода Ҷамиларо тасдиқ мекунам

Мудири шуъбаи кадрҳои
Муассисаи давлатии таълимии
"Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав" Алиева Сайфимо